**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
Директори Институти
иқтисодиёт ва демографияи
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
_______________ Бобозода К.О.
«06» ____08____ 2026

# ТАҚРИЗ

**ба диссертатсияи Зарифзода Моҳира Зариф дар мавзуи «Самтҳои асосии мукаммалсозии танзими муносибатҳои иҷтимоӣ – меҳнатӣ ва таъсири он ба рушди иқтисодиёт (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.14 – Иқтисодиёти меҳнат ва демография пешниҳод гардидааст.**

**Мутобиқати мухтавои диссертатсия ба ихтисос ва соҳаи илми эълоншуда.**

Диссертатсияи Зарифзода Моҳира Зариф дар мавзуи «Самтҳои асосии мукаммалсозии танзими муносибатҳои иҷтимоӣ – меҳнатӣ ва таъсири он ба рушди иқтисодиёт (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» ба қисмҳо ва бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси 5.2.14 – Иқтисодиёти меҳнат ва демография мувофиқат мекунад, аз ҷумла, бандҳои: 1.1. – Иқтисоди сиёсӣ: сохтор ва қонунҳои инкишофи муносибатҳои иқтисодӣ; манфиатҳои иқтисодӣ; таомули қувваҳои истеҳсолкунанда, шаклҳои иқтисодӣ, методҳои хоҷагидорӣ ва сохторҳои институтсионалӣ; ташаккули сиёсати иқтисодӣ ва иҷтимоии (стартегия)-и давлат; қонунмандиҳои ҷаҳонишавии иқтисоди байналмилалӣ ва таъсири он ба фаъолияти низомҳои миллӣ-давлатӣ; 1.4. – назарияи иқтисоди тағйирёбанда ва тағйирёбии низомҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ.

**Мубрамӣ ва зарурияти баргузории таҳқиқот.**

Таҳқиқу омӯзиши падидаҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар ҳама давру замон бо мақсади беҳтар намудани вазъи иҷтимоию иқтисодии ҷомеа ва баланд бардоштани нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, ки бидуни онҳо ҳалли масъалаҳои пешрафти иқтисодиётро таъмин кардан мумкин нест, гузаронида шудааст. Дигаргуниҳое, ки дар ибтидои солҳои 90-уми асри гузашта дар дохили 15 ҷумҳурии ҳайати Иттиҳоди Шуравӣ ба амал пайвастанд, ба вазъи иҷтимоиву иқтисодӣ, саноату кишоварзӣ, маорифу тиб ва умуман кулли самтҳои ҳаёти ин кишварҳо таъсири амиқу зарарӣ ҷиддӣ расониданд ва кишвари мо низ ба ин мушкилот берун намонд. Пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ як қатор кишварҳои собиқи он бухронеро паси сар карданд, ки на

танҳо ба иқтисод, балки ба сиёсат, идеология ва фарҳанги рафтори одамон низ таъсир расонда, табақабандии аъзоёни ҷомеаро ба миён овард. Дорои аҳаммияти иқтисодӣ будан ва ҳамзамон бешак аҳаммияти иҷтимоию сиёсӣ пайдо кардани адолати иҷтимоӣ дар чандин Паёмҳои солонаи Роҳбари давлат таъкид мешавад ва аз ҷумла дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси олӣ, ки соли 2024 ироа гардидааст ва дар ин васила Роҳбари давлат раванди баланд бардоштани сатҳи иҷтимоии аҳолии кишварро чунин изҳор намудаанд: «Тайи даҳ соли охир, яъне дар давраи татбиқи ду барномаи миёнамуҳлати рушди кишвар, ки марҳалаҳои фосилавии иҷрои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030-ро дарбар мегиранд, ба хотири расидан ба ҳадафҳои стратегӣ ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ бисёр иқдомоти муҳимму самарабахш амалӣ карда шуданд. Дар натиҷа ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти дохилӣ 3,4 баробар зиёд гардида, иқтисоди миллии мо ҳар сол ба ҳисоби миёна 7,6 фоиз афзоиш ёфт».

Диссертатсияи мазкур, пеш аз ҳама, дар асоси мавзуи васеи такмилсозии механизмҳои танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯи кор омада, чандин паҳлӯҳои илмии аҳаммиятноки назариявию методологиро дарбар мегирад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.**

Диссертант дар раванди омӯзиш ва таҳқиқи мубрамии мавзуи худ дар дарки масъалаи танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намудааст. Аз ҷониби ӯ, мақсад, ҳадафҳо ва вазифаҳои таҳқиқи диссертатсия мавриди омӯзиш қарор гирифта, тамоми тарафҳо ва паҳлуҳои муносибатҳои меҳнатӣ, заминаҳои меъёрию ҳуқуқии танзими муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ ва роҳҳои мукаммалсозии он ҷиҳати таъмини рушди иқтисоди миллӣ таҳқиқ гардидааст.

Довталаб масоили инкишофи муносибатҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ-меҳнатиро дар таҳқиқоти худ ба таври васеъ ва бо далеловариҳои амалӣ мавриди омӯзишу таҳлил қарор дода, ҷанбаҳои методологии танзими давлатии муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ дар асоси моделҳои сатҳи ҷаҳонӣ вобаста ба инноватсия ва истифодаи тарҳҳои муосир дар шароити бозори меҳнати дохилиро таҳқиқ намудааст.

Дар натиҷаи таҳқиқотҳо пешниҳодҳо ва тавсияҳои амалии муфид барои мушаххас намудани равандҳои афзалиятноки навсозии низоми соҳаҳои иҷтимоию меҳнатӣ, бо мақсади ҳамоҳангсозии параметрҳои дурнамои рушди бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардидаст. Тавсияҳои диссертант метавонанд дар танзими муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ бо назардошти хусусиятҳои хос ва имкониятҳои мутобиқшавии муҳити иҷтимоии дохилии

кишвар истифода шаванд. Ҳамаи натиҷаҳо, хулосаҳо ва пешниҳодҳои дар кор пешниҳодшуда натиҷаи таҳқиқоти мустақилонаи муаллиф мебошанд.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ (бо нишон додани навгонӣ, аҳамияти илмӣ ва амалии онҳо), кн барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда додан мумкин аст.**

Аз ҷониби муҳаққиқ як қатор навгониҳои илман асоснок муайян гардида, усулҳо ва роҳҳои дар амал татбиқ намудани таҷрибаи хориҷи кишвар ҷиҳати ба танзим даровардани муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатиро метавон дар мисоли иқтисодиёти миллӣ зимни омӯзиши хусусиятҳои хоси иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода намуд. Чунин навгониҳо боиси мукаммал намудани чораҳои танзими муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатии иқтисодиёти Тоҷикистон муосидат намуд, ба монанди:

- зимни таҳқиқот, аз ҷониби муҳаққиқ ошкор гардидани усулҳои мукаммалсозии танзими муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ бо дарназардошти сохтори ниҳодҳои давлатӣ, дигаргунсозии бозори меҳнат ва гузариш ба моделҳои нави рушди иқтисодиёт;

- аз ҷониби диссертант муайян гардидани заминаи истифодаи муфиди яке аз таҷрибаҳои ҷаҳонӣ, тавсияҳои илмӣ ва модели самаранок дар асоси омӯзиши хусусияти бозори дохилии меҳнат, доираи муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ ва таҳлили амиқи мутобиқатшавии онҳо дар шароити бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- зимни таҳқиқот пешниҳод гардидани модели иқтисодӣ барои тарҳрезии нақшаи дарозмуддати банизомоварии муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ ва таъмини рушду инкишофи иқтисоди миллӣ бо мақсади беҳтар намудани механизми танзими давлатӣ дар самти муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ;

- тавсияи муҳаққиқ ҷиҳати татбиқи усулҳои муосири баҳисобгирии навсозии институтсионалӣ ва механизмҳои бисёрсоҳавии танзими бозори меҳнат дар заминаи сиёсати давлатӣ, инчунин амалишавии стратегии милли рушд дар ҳошияи рушди устувори иқтисодиёт.

**Аҳаммияти илмӣ ва амалии таҳқиқот.** Аҳаммияти назариявии диссертатсияи илмӣ барои омӯзиш ва дарки муаммоҳои танзими муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ ифода гардида, дар раванди асоснокунии илмии рисола роҳҳои мукаммалгардонии чунин муносибатҳо дар мисоли бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқ гардидааст.

Аҳаммияти амалии кор дар он аст, ки натиҷаву хулосаҳои бадастомада метавонанд дар доираи иқтисоди миллӣ барои такмили механизмҳои танзими давлатии бозори меҳнат ба таври васеъ мавриди истифода қарор гиранд.

**Дараҷаи асоснокӣ ва саҳеҳии муқаррароти илмӣ ва хулосаву пешниҳодот.**

Дарачаи асоснокӣ ва саҳеҳии муқарраротти илмӣ, хулосаҳо ва пешниҳодоти дар диссертатсия пешниҳодшуда дар асоси истифодаи васеи таҳлилҳои иқтисодӣ таъмин гардидааст. Дар ҷараёни таҳқиқот доираи васеи усулҳои маъмулӣ, аз қабили таҳлили қиёсӣ, индуксия, таҳлилҳои омориву мантиқӣ, дедуксия, таҳлили монографӣ ва ин амсол истифода шуда, онҳо имкон додаанд, ки натиҷаҳо ба таври мантиқӣ ва илмӣ асоснок карда шаванд.

Асоснокии хулосаҳо бо такя ба маводи омории расмии мақомоти давлатӣ, сарчашмаи маълумотҳо дар доираи қонунгузориҳо вобаста ба бозори меҳнат, қарорҳо ва фармонҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуҷҷатҳои қонунгузорӣ ва меъёрӣ оид ба масъалаҳои идоракунӣ ва рушди бонизоми механизми истифодаи захираҳои меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, маҷмуи нишондиҳандаҳои оморӣ доир ба бозори меҳнати дохилӣ таъмин шудааст. Маълумоти истифодашуда санҷида шуда, натиҷаҳои ҳисобу таҳлилҳо байни худ мутобиқат доранд ва тамоюлҳои муносибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодиро инъикос менамоянд.

Саҳеҳии пешниҳодҳои амалӣ бо мувофиқати онҳо ба шароити муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ дар шароити Тоҷикистон асоснок гардидааст. Пешниҳодҳо характери амалӣ дошта, метавонанд дар равандҳои мухталифи фаъолияти бозори меҳнат ва дигар самтҳои иқтисоди миллӣ дар сурати таҳия ва қабули ҳуҷҷатҳои дахлдор истифода шаванд.

Бо ин тарз, муқарраротти илмӣ, хулосаҳо ва пешниҳодоти диссертатсия аз ҷиҳати илмӣ асоснок ва аз нигоҳи амалӣ саҳеҳ буда, ба талаботи корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ҷавобгӯ мебошанд.

**Арзёбии мундариҷаи диссертатсия ва дарачаи ба итмом расидани он.**

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва руйхати манбаъҳои илмии истифодашуда иборат буда, тасвирҳо, диаграммаҳо, ҷадвалҳо ва иловаҳои асосиро дар бар мегирад.

**Дар муқаддима** мубрамияти мавзуи таҳқиқот ва зарурияти таҷдиди банизомоварии робитаҳои бисёрҷанбаи иҷтимоию меҳнатӣ дар марҳилаи муосир бо муқоисаи давраҳои гузашта баррасӣ гардида, ҳамзамон, ҳадафу вазифаҳои рисола, ҷанбаҳои навгонии илмӣ, заминаҳои назариявию амалии таҳқиқот мушаххас шудаанд ва дар ин асос муқарраротти калидие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд, инъикос ёфтаанд. Ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот, объекти ва предмети омӯзиш, навовариҳои илмӣ, аҳаммияти назариявию амалӣ, инчунин дарачаи асоснокӣ ва саҳеҳии натиҷаҳои бадастомада муайян карда шудаанд.

**Боби аввали** рисола, ки «Асосҳои назариявӣ ва методологии танзими муносибатҳои иҷтимоӣ ва меҳнатӣ дар заминаи рушди иқтисодӣ» ном дорад, ба омӯзиш ва шарҳу тавзеҳи масъалаҳои бисёрсамти назариявӣ ва

методологии фаъолияти бозори меҳнат бахшида шудааст. Дар ин бахш хусусиятҳои низомбандии муносибатҳои меҳнатӣ ва роҳҳои такмили онҳо дар шароити таҳкими инноватсияҳои илмию иқтисодӣ мавриди таҳлили амиқ қарор гирифтаанд.

**Боби дуюми** таҳқиқот, ки «Ҳолати муосир ва самтҳои рушди муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» номгузорӣ шудааст, таҳлили фарогир ва баҳодиҳии раванди таҳаввули иҷтимоиро дар доираи низоми муносибатҳои меҳнатӣ фаро мегирад. Дар боби мазкур омилҳои ба истеҳсолот ва бозори меҳнат таъсиркунанда дар асоси муносибатҳои нави иҷтимоӣ-меҳнатӣ таҳқиқ гардида, ҳамзамон ҷанбаҳои татбиқи таҷрибаи байналмилалӣ дар танзими ин соҳа ва имкониятҳои мутобиқсозии он ба воқеиятҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок карда шудаанд.

**Боби сеюми рисола** «Дурнамои танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ дар бозори меҳнат ва нақши он дар рушди иқтисодиёти миллӣ» номгузорӣ шуда, чандин масоили муҳим, ба монанди роҳҳои мукаммалсозии моделҳои муосири танзими муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ дар шароити бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташаккули сохтори ҳифзи иҷтимоӣ тавассути механизми шарикии иҷтимоӣ ва баҳодиҳии ҳамаҷонибаи натиҷаҳои танзими муносибатҳои иҷтимоӣ ва меҳнатӣ ва самтҳои такмили банизомоварии муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ дар мамлакат мавриди таҳқиқ қарор додааст.

**Дар қисмати хулосавии рисола** натиҷаҳои таҳқиқот ҷамъбаст гардида, хулосаҳои асосии он, пешниҳодҳои илмӣ ва амалии муаллиф оид ба муносибатҳои бозори меҳнат дар доираи равандҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ оварда шудаанд.

**Тасдиқи инъикоси натиҷаҳои кори диссератсионӣ дар нашрияҳои илмӣ.**

Дар асоси маводи диссертатсия 10 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд. Сохтори диссертатсия дар асоси мақсаду вазифаҳои дар он гузоштташуда муайян карда шудааст. Диссертатсия аз муқаддима, се боби матни асосӣ, хулоса, фехристи адабиёт иборат аст.

**Эроду тавсияҳо доир ба диссератсия.**

- Муаллиф дар қисмати назариявию методӣ ба парадигмаҳои замони муосир таваҷҷуҳ накарда, таъсири рақамикунонӣ, зарурати риояи принсипҳои иқтисодиёти «сабз», мушкилоти вобаста ба муҳоҷирати меҳнатӣ ва тағйирёбии иқлимро ба муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ таҳқиқ накардааст.

Яъне, дар ҳолате, ки дар боби сеюм ба масъалаҳои рақамикунонӣ ва истифодаи платформаҳои рақамӣ таваҷҷуҳ зоҳир намудааст, набудани заминаи назариявию методӣ эътимоднокии тавсияҳои пешниҳодшуда ва муқаррароти овардашударо коҳиш медиҳад;

- Дар кори диссертатсионӣ баҳамалоқамандии бозори меҳнат ва муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ дар сатҳи зарурӣ таҳқиқ карда нашудааст. Ба андешаи мо, муаллиф бояд ба масъалаҳои таъсири ҳолати бозори меҳнат, сатҳи шуғл, арзаву тақозои қувваи корӣ, механизми танзим ва такконҳои берунаро ба муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ бо истифода аз равиши ситемавӣ таҳқиқ менамуд, ки аҳамияти назаривию методиии таҳқиқоти анҷомшударо баланд мекард.

- Дар боби дуюми кори диссертатсионӣ маводи омории фарогир оид ба ҳолат ва динамикаи бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудааст. Аммо, агар муаллиф бо истифода аз услуҳои иқтисодию риёзӣ арзёбии микдории таъсири омилҳои алоҳидаи иқтисодиву иҷтимоиро ба инкишофи муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ анҷом медод, ба сифати таҳқиқот таъсири мусбат мерасонид.

- Новобаста аз таҳлили мукаммали таҷрибаи хориҷии танзими муносибатҳои иҷтимою меҳнатӣ меъёрҳое, ки аз руйи он муаллиф таҷрибаи ин ва ё он давлатро барои Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи мақсад медонад, мушаххас оварда нашудаанд. Ба андешаи мо, тавсифи дақиқи меъёрҳои иқтисодӣ, институтсионалӣ ва иҷтимоии мутобиқгардонии таҷрибаи хориҷӣ аҳамияти амалии муоқисаи анҷомдодашударо баланд мекард.

- Дар боби сеюми кори диссертатсионӣ муаллиф як қатор моделҳо ва механизмҳои песрпективии танзим ва такмили муносибатҳои иҷтимоию меҳнатиро пешниҳод намудааст, ки фарогири мониторинги рақамии бозори меҳнат, инкишофи низоми ҳифзи иҷтимоӣ ва такмили низоми омодакунии кадрҳо мебошад. Зимнан параметрҳои алоҳидаи ояндабинии самараи интизоришавандаи чорабиниҳои пешбинишуда ба асоснокkунии пурраи иқтисодию риёзӣ эҳтиёҷ доранд. Ҳамчунин, муаллифро зарур буд, ки методикаи муайянкунии рушди шуғли расмии ояндабинишуда ва ҳосилнокии меҳнатро ошкор менамуд, ки он асоснокии тавсияҳои пешниҳодшударо таъмин мекард.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Кори диссертатсионии Зарифзода Моҳира Зариф дар мавзуи «Самтҳои асосии мукаммалсозии танзими муносибатҳои иҷтимоӣ – меҳнатӣ ва таъсири он ба рушди иқтисодиёт (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барои

дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.14 – Иқтисодиёти меҳнат ва демография пешниҳод шудааст, ба талаботҳои бандҳои дахлдори Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо ва авторефератҳо барои дарёфти дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, № 493 тасдиқ шудааст, мутобиқат дорад.

**Хулосаи ҷамъбастӣ оид ба кори диссертатсионӣ ва сазовор донистан ба дараҷаи илмӣ.**

Кори диссертатсионии Зарифзода Моҳира Зариф дар мавзуи “Самтҳои асосии мукаммалсозии танзими муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ ва таъсири он ба рушди иқтисодиёт (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.14 – Иқтисодиёти меҳнат ва демография пешниҳод гардидааст, таҳқиқоти мустақилона ба итмом расондашуда буда, дорои унсурҳои навгонӣ ва арзишҳои муҳими илмӣ ва амалӣ мебошад.

Диссертатсия дар сатҳи баланди илмӣ, бо баёни равону фаҳмо ва бо риояи талаботи забони давлатӣ ва меъёрҳои қабулшудаи корҳои илмӣ навишта шудааст. Мазмун ва сохтори кор ба ҳадаф ва вазифаҳои гузошташуда пурра мутобиқат дошта, натиҷаҳои таҳқиқот бо далелҳои боэътимоди илмӣ асоснок гардидаанд.

Автореферат ва мақолаҳои илмии чопшудаи довталаб мазмуни асосии диссертатсияро пурра инъикос намуда, байни онҳо ва матни диссертатсия мутобиқати комил ба назар мерасад. Автореферат ҳамчун ҳуҷҷати асосии дифоъ ҷанбаҳои муҳими кор, навовариҳои илмӣ, хулосаҳо ва пешниҳодҳои амалиро ба таври равшан инъикос менамояд ва талаботи муқарраршуда дар ин самт пурра риоя шудаанд.

Кори диссертатсионии Зарифзода Моҳира Зариф дар мавзуи «Самтҳои асосии мукаммалсозии танзими муносибатҳои иҷтимоӣ – меҳнатӣ ва таъсири он ба рушди иқтисодиёт (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» таҳқиқоти мукаммали илмӣ ба ҳисоб рафта, дорои дастоварди назарраси илмӣ мебошад ва ба талаботи бандҳои 8, 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023 таҳти №295 (№267 аз 30.06.2021) тасдиқ шудааст, пурра ҷавобгӯ мебошад. Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, диссертатсия сазовори баҳои мусбат буда, арзанда аст, ки ба муаллифи он Зарифзода Моҳира Зариф дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.14 – Иқтисодиёти меҳнат ва демография дода шавад.

Тақриз аз ҷониби Ҷонмамадов Шермамад Бегмамадович, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, сарходими илмии шуъбаи иқтисоди рақамӣ ва

инноватсияи Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон омода гардидааст.

Тақризи муассисаи пешбар дар ҷаласаи шуъбаи иқтисоди рақамӣ ва инноватсияи Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон аз 4-уми августи соли 2026, протоколи №3 муҳокима ва тасдиқ карда шудааст.

Натиҷаи овоздиҳӣ: дар ҷаласа иштирок доштанд: 8 нафар, бо ҳуқуқи овоздиҳӣ: 8 нафар.

Овоз доданд: тарафдор – 8 нафар, зид – нест, бетараф – нест.

**Раиси ҷаласа:**
Мудири шуъбаи иқтисоди рақамӣ ва инноватсияи Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, н.и.и. Муминова Ф. М.

**Ташхисгар:**
Сарходими илмии шуъбаи иқтисоди рақамӣ ва инноватсияи Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ, д.и.и., профессор Ҷонмамадов Ш. Б.

**Котиби ҷаласа, н.и.и.** Обидова М. Р.

**Имзои Муминова Ф. М., Ҷонмамадов Ш. Б. ва Обидова М. Р.-ро тасдиқ мекунам:**
Инспектори калон оид ба кадрҳои Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Махсутшоева З. Д.

**Маълумот барои тамос ва суроғаи муассисаи пешбар:**
Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.
734024, ш. Душанбе, кӯчаи С. Айнӣ 267.
Тел: (+992 37) 225-80-80 e-mail: info@ied.tj